«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илми таърих, профессор
Ибодуллозода А.И.
«19» октябри соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсия ва автореферати Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба таҳлили муқоисавии яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ бахшида шудааст. Ҳарчанд баъзе ҷанбаҳои мавзуи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале то ба ҳол бархе аз паҳлуҳои он ба таври муфассал мавриди пажуҳиш қарор наёфтааст. Диссертатсия тамоми ҷузъиёти масоили баррасишавандаро фарогир буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) комилан мутобиқат менамояд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки то ба имрӯз категорияи тарзи феълӣ дар низоми шаклҳои тасрифшаванда ва тасрифнашавандаи феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, алалхусус, шарҳу тавсифи категорияи мазкур дар низоми дастури забонҳои мавриди назар ва робитаи он бо диатеза, робитаи категорияи тарзи феълӣ бо хосиятҳои валентнокии феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хосиятҳои қолабҳои тарзи феълӣ, муносибати байни навъҳои шаклҳои замонӣ-намудии тарзи мафъули забонҳои мавриди назар ба таври муфассал таҳқиқ нашудаанд.

Гузашта аз ин, мубрамияти мавзуи мазкур боз дар он ифода мегардад, ки новобаста аз мавҷудияти баъзе рисолаҳо ва мақолаҳо оид ба категорияи дастурии тарз дар низоми шаклҳои ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ паҳлуҳои пурра таҳқиқнашудаи он, аз ҷумла, ошкор намудани воситаҳои ифодаи катеогрияи тарзи феълӣ дар низоми герундийи забони англисӣ ва муайян

намудани роҳу воситаи ифодаи он дар забони тоҷикӣ, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқ шудааст, зарурияти таҳқиқи муфассали он вуҷуд дорад.

Бинобар ин, масъалаи таҳлили муқоисавии категорияи дастурии тарзи феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, аз ҷумла, таҳқиқи ин категорияи дастурӣ дар низоми ҳам шаклҳои тасрифӣ ва ҳам ғайритасрифии феъл ҳанӯз ҳам боқӣ монда, таҳқиқоти жарфтарро тақозо менамояд, ки он аз мубрамияти мавзуи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот эътимодбахш аст ва диссертант дар ҷараёни таҳқиқ маълумоти осори пажуҳишӣ ва сарчашмаҳои марбут ба таҳқиқотро зина ба зина таҳлил намуда, онҳоро бо як усули хоси илмӣ мавриди коркард, тасвиб ва корбарӣ қарор додааст.

Интихоби мавзуи таҳқиқ дуруст буда, докторант ҷустуҷӯҳои илмии хешро дар диссертатсия, мақолаи илмӣ, маъруза ва гузоришҳои ироашуда дар конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мунъакис намудааст.

Маърузаҳои ироанамудаи диссертант дар конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ оид ба тавсифи категорияи тарзи феълӣ дар заминаи таҳқиқоти мавҷуда оид ба он, хусусиятҳои изоморфӣ ва алломорфии ин категорияи дастурии феъл дар забонҳои мавриди назар, маъноҳо ва вазифаҳои шаклҳои тарзи феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, алоқаи категорияи самт бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои муқоисашаванда ва инчунин муқоисаи шаклҳои замонии тарзҳои феълии забонҳои мавриди назар мебошанд. Муаллиф дар мақолаҳои илмиаш бештар ба масъалаҳои муқоисаи категорияи дастурии тарзи феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ машғул шуда, умумият ва тафовутҳои онҳоро ошкор сохтааст. Кӯшишҳои диссертант дар ин ҷода қобили истиқбол буда, таҳлили ин гуна масъалаҳо дар илми забоншиносӣ аҳаммият ва арзиши зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаи гирифташуда дар он ифода меёбад, ки дар асоси маводи амалии илмӣ ва асарҳои бадеӣ бори нахуст ба таври маҷмӯӣ категорияи дастурии тарзи феълӣ ва вазифаҳои он дар низоми ҳам шаклҳои тасрифшаванда ва ҳам тасрифнашавандаи феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар шакли диссертатсияи номзадӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки масъалаҳои дар таҳқиқ матраҳгардида дар омӯзиши мавзуъҳои марбут ба муқоисаи категорияи дастурии тарзи феълӣ дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли дигар забонҳо мусоидат хоҳад намуд. Ҳамчунин аҳаммияти амалии таҳқиқот боз дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои муқаддимаи забоншиносӣ,

забоншиносии умумӣ, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва назария ва амалияи тарҷума метавон ба таври васеъ истифода бурд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Матни диссертатсия ҳадафҳои диссертантро пурра инъикос намуда, сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилу семинарҳои илмии адабӣ маърузаҳо интишор гардидаанд, инчунин, хулосаҳои докторант дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда собит гаштааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқро иштироки бевоситаи докторант дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, дар раванди таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ҳосилшуда, ҷамъоварӣ ва таҳлили мавод оид ба мавзуи диссертатсия аз адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ, шарҳу тафсири маводди дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо баёни натиҷаҳои ноилшуда, коркарди назариявӣ-методологии матлабҳо ва ғояҳои асосии таҳқиқот доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳия ва интишори мақолаҳо ва дастурҳо оид ба мавзуи таҳқиқот ташкил менамоянд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ омода шудаанд, ба таври комил мувофиқ ҳастанд. Аз рӯйи натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва пажуҳиш 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар маводди конференсияҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фаслҳояш ва хулосаву феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия ба таҳлилу баррасии муҳиммияти таҳқиқ, мубрамияти мавзуоти илмӣ, дараҷаи омӯзиши он, объекту мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назараявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи масъалаҳои баррасишаванда, мутобиқат намудани диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ ва масъалаҳои ба ин монанд бахшида шудааст.

Боби аввали диссертатсия «**Ҷанбаҳои назариявии категорияи тарзи феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Мавзуи меҳварии боби мазкурро мавқеи категорияи тарзи феълӣ, намудҳои асосии он – фоил ва мафъул ташкил медиҳанд.

Фасли якуми он **«Роҷеъ ба моҳияти категорияи тарзи феълӣ ва намудҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, дар он муаллифи диссертатсия зимни таҳллилу баррасии таҳқиқотҳои мухталиф оид ба категорияи самт ё тарзи феълӣ собит менамояд, ки танҳо ду категоряи тарзи феълӣ, яъне фоил ва мафъул дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли ду забон мавҷуд мебошанд. Ҳарчанд як қатор англисшиносон дорои дигар категорияҳои самти феълӣ будани феъли забони англисиро, аз қабили самтҳои нафсӣ, муштарак ва самти миёна таъкид мекунанд, вале танҳо ду шакли тарзи феълиро дар ҳарду забон метавон ҷудо кард. Бо вуҷуди ин, диссертант тавонистааст, бо мисолҳои раднопазир мавҷудияти танҳо ду намуди тарзи ё самти феълиро дар забонҳои муқоисашаванда ошкор менамояд.

Фасли дуюми ин боб **«Алоқаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ном дорад. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия муайян менамояд, ки мавҷудияти тарзҳои феълӣ дар ҳарду забони муқоисашаванда аз хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо вобаста мебошанд. Таҳқиқотҳои диссертант дар ин фасл аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар забони англисӣ чи дар тарзи фоил ва чи дар тарзи мафъул истифода шудани феълҳо аз ҳам пуркунандаи бавосита ва ҳам пуркунандаи бевосита қабул кардани онҳо вобаста мебошад. Дар забони тоҷикӣ чунин ба назар мерасад, ки танҳо феълҳои гузаранда метавонанд дар тарзи ҳам мафъул ва ҳам фоил истифода бурда шаванд, ки дар забони англисӣ он чунин нест.

Дар фасли сеюми ин боб, ки **«Алоқаи категорияи тарз бо валентнокии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дар ин фасли диссертатсия масъалаи алоқаи категорияи тарз бо валентнокии феъл дар забонҳои муқоисашаванда таҳқиқ карда шуда, умумият ва фарқияти онҳо ошкор карда шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Баррасии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Фасли аввали ин боб **«Маъно ва вазифаи шаклҳои тарзи феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дорад. Дар ин фасли рисола маъноҳо ва вазифаҳои тарзҳои феълӣ дар забонҳои мавриди назар ошкор карда шудаанд, ки ҷолиби диққат мебошанд. Масъалан, зимни баррасии адабиёти илмӣ оид ба таҳқиқи масъалаи мазкур диссертант зикр менамояд, ки шакли фоили феъл ба шарофати контекст маънои фоил, миёна, муштарак ва нисбиро зоҳир менамояд, вале дар амал намудани чунин самтҳои феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ розӣ нест ва онро ба забони русӣ ва дигар забонҳо нисбат медиҳад. Ҳангоми баррасии вазифаҳои тарзи мафъул ӯ якчанд вазифаҳои онро дар ҳарду забон аз ҷумла, вазифаи алоқамандкунӣ, нишон додани мансуб будани амал ба ин ё он

замон, маънои аспектуалии феъл-хабарро ифоданамоии он, алоқаи (метатекстиро) павасткуниро ташкил додани он ва инчунин хусусияти услибӣ доштани ин тарзи феълиро бо мисолҳои мухталиф аз ҳарду забон муайян менамояд, ки метавон ба онҳо розӣ шуд.

Фасли дуюми боби мазкур **«Шаклҳои замонию намудии тарзи мафъул дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шудааст. Муаалиф дар ин фасли диссертатсия тафовутҳои дақиқро оид ба шаклҳои замонию намудии тарзи мафъули феъл муайян намудааст. Тадқиқоти ӯ оид ба ин масъалаи тарзи мафъули феъл нишон медиҳад, ки дар забони англисӣ шаклҳои замонӣ-намудии шакли мафъул дар забони англисӣ дар сиғаи хабарӣ 10 ададро ташкил медиҳад, вале дар забони тоҷикӣ ин гуна шаклҳо 8 то мебошанд, ки он ҷолиби диққат мебошад.

Фасли сеюми боби дуюм **«Вазифаҳои коммуникативии шаклҳои мафъули феъл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** унвон дошта, дар он умумият ва тафовути вазифаҳои муоширатии тарзи мафъул ошкор карда шудааст. Муаллиф дар хулосаи ин фасли рисола зикр менамояд, ки шакли тарзи мафъули забонҳои муқоисашаванда вазифаи муоширатӣ дорад, яъне он дар таҷзияи актуалии ҷумла ба таври васеъ иштирок мекунад. Он пуркунандаи рематикиро ба мубтадои рематикӣ табдил медиҳад. Инчунин маҳз ба туфайли шакли мафъули феъл мубтадои мавзуӣ ба пуркунандаи агентивии рематикӣ табдил меёбад. Дар ин ҳолат, менависад диссертант, вазифаи асосии муоширатии шакли мафъул ҷалб намудани диққати ҳамсуҳбат ба натиҷаи амали аз болои қабулкунандаи амал мегардад. Дар натиҷа, муаллифи диссертатсия ба чунин хулосае меояд, ки шакли тарзи мафъули забони англисӣ вазифаҳои муоширатии бештарро доро мебошад.

Боби сеюми диссертатсия, ки **«Тазоди тарз дар системаи шаклҳои ғайритасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шудааст, аз 4 фасл таркиб ёфтааст.

Фасли аввали ин боб **«Маълумоти умумӣ оид ба вербалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва масъалаи категорияи тарз дар онҳо»** ном дорад, хусусиятҳои монанд ва тафовутноки тарзи феълии шаклҳои тасрифнашавандаи феъл таҳқиқ карда шудааст. Дар фасли якуми боби сеюм маълумоти умумӣ оид ба шаклҳои тарзи феълии шаклҳои тасрифнашавандаи феъл маълумоти умумӣ дода шудааст. Дар ин фасл зикр карда мешавад, ки масдар, герундий ва сифати феълии I дорои категорияи тарзи феълӣ мебошанд. Дар забони тоҷикӣ тазоди самти феълиро масдар ва сифати феълӣ бо морфемаи “а” доро мебошад, ки се шакли категорияи тартиб доранд.

Фасли дуюми боби мавриди назар **«Категорияи тарзи масдар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар он умумият ва фарқият дар сохтори масдар дар шаклҳои фоилу мафъул дар ду забон ва вазифаҳои наҳвии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф нишон

медиҳад, ки масдари забони англисӣ дар тарзи мафъул шаклҳои гуногун дорад ва он дар баъзе ҳолат тавассути шакли тасрифшавандаи феъли тоҷикӣ ифода меёбад. Аз таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифи диссертатсия чунин бармеояд, ки шакли мафъули забони англисиро ба забони тоҷикӣ метавон тавассути шакли ҳам тарзи фоил ва ҳам тарзи мафъули он ифода кард. Инчунин дар ин фасл диссертант фарқиятҳои ҷолибро дар мавриди вазифаи наҳвии масдар дар ду забони муқоисашаванда ошкор кардааст. Бино ба ақидаи ӯ, масдари забони англисӣ дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, мубтадои мураккаб, пуркунанда, пуркунандаи мураккаб, қисми хабари феълӣ, ҳол ва муайянкунанда меояд. Масдари забони тоҷикӣ бошад, дар ҷумла вазифаи мубтадо, пуркунанда, қисми хабари феълӣ ва ҳолро адо менамояд ва онҳоро метавон натиҷаҳои муҳимми таҳқиқоти мазкур қаламдод кард.

Фасли сеюми боби сеюм **«Категорияи тарзи герундий ва воситаҳои ифодаи он ба забони тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, дар он герундий шаклҳои замонӣ ва самтии герундий дар забони англисӣ мавриди тақиқ қарор дода шудааст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия дар ин фасл нишон медиҳанд, ки герундий дар забони англисӣ ду тарзи феълӣ дорад, ки ҳангоми аз тарафи онҳо ба иҷро расидани вазифаҳои наҳвии мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда, ҳол ва қисми хабари таркиби феълӣ истофада бурда мешаванд. Шакли фоили он тавассути шакли фоили масдари забони тоҷикӣ ифода мегардад. Шакли мафъули герундий бошад, дар забони тоҷикӣ дар бештари ҳолатҳо тавассути шакли мафъули масдари тоҷикӣ ва баъзан тавассути шаклҳои тасрифии феъл ифода мешавад.

Дар фасли чоруми боби сеюм, ки **«Категория тарз дар сифатҳои феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дорад, умумият ва фарқият дар шаклҳои тарзии сифатҳои феълии ин ду забон ошкор карда шудаанд, ки онҳо ҷолиби диққат мебошанд.

Дар бахши хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ бадастомада, дар 20 банди назарӣ ва 5 банд тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаммоҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар умум, диссертатсия бо назардошти тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии докторант – Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна ба ихтисоси илмии

дархостшаванда 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки докторант лаёқати хуби илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия. Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳо, дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе нуктаҳои мубҳаму норавшан мушоҳида мешавад, ки ба назар гирифтани онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Диссертант мебоист зимни таҳқиқи тарзҳои фоили мафъули феъл, муайян менамуд, ки кадом феълҳои мондаи забони тоҷикиро наметавон дар тарзи мафъул истифода кард.

2. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия хулосаҳои ҳар фасли бобҳоро ба таври мухтасар пас аз ҳар як боб низ ироа мекард, зеро хулосаи мухтасари баъзеи онҳо мавҷуд мебошанд ва баъзеяшон мавҷуд нестанд.

3. Диссертант дар баъзе ҷойҳо категорияи тарзи феълиро категорияи самти феълӣ ном мегирад. Беҳтар мебуд, ки зимни ном гирифтани он танҳо аз як истилоҳ, яъне «категорияи тарзи феълӣ» истифода намояд.

4. Дар диссертатсия (с.28, 30, 43, 44 ва ғ.) ва гунаи тоҷикиву русии автореферати он (с. 11, 14, 19 ва ғ.) баъзан ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори таҳқиқии мазкурро коста намегардонанд, зеро диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки дар автореферати он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷой дода шудаанд, муҳтавои аслии онро ба сурати мухтасар ва фишурда таҷассум менамояд.

Хулосаҳои илмӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва тасдиқ шудааст (протоколи №2 аз 19.10.2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, зид – «нест», бетараф «нест».

Раиси ҷаласаи илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои
Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович
19 октябри соли 2026

Ташхисгар: номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва
услубшиносии факултети забони англисӣ ва забонҳои
Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Ҷурақулов Бозорали Раҳмоналиевич

Котиби ҷаласа: доктор аз рӯи ихтисос (PhD),
муаллими калони кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии факултети
забони англисӣ ва забонҳои Шарқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Раҳматуллоев Маҳмадулло
Саидуллоевич

Имзоҳои М. Комилов, Б. Ҷурақулов ва
М. Раҳматуллоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ
Муҳибулло

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992 (37) 224-13-83; +992 (37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
«19»-уми октябри соли 2026